**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна таҳти унвони «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Тавре маълум аст, муносибати эҷодиёти бадеии даҳонӣ бо адабиёти китобӣ, таъсири онҳо ба якдигар ва мавқеи нависандагони гузашта ва муосири тоҷик дар тарзу усули истифодаи жанрҳои гуногуни фолклор аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ буда, таҳлил ва масъалаҳои муҳимми назарӣ ва амалӣ дорад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқу баррасӣ ва анҷом додани пажуҳиши фарогири илмӣ дар мавриди поэтикаи ашъори шоири мардумӣ - Саид Холзода муҳим арзёбӣ гардида, ба ин восита мақому мартабаи ӯ дар адабиёти гуфторӣ ба таври воқеӣ мушаххас мегардад.

Чунонки аз автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар қисмати муқаддима муаллиф мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми корро нишон додааст.

Боби аввали диссертатсия - «Рӯзгор ва осори шоири мардумӣ Саид Холзода» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст ва ба мавзуъҳои «Рӯзгори шоир ва таъсири фолклор ба ӯ», «Осори шоир ва иртиботи он бо фолклор» бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб дар асоси далелу мисолҳои эътимодбахш рӯзгору осори Саид Холзодаро баррасӣ ва натиҷагирӣ намудааст.

Боби дуюми рисола - «Сохтор ва анвои жанрии ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Муаллиф дар ин боб перомуни масъалаҳои «Анвои шеъри суннатӣ дар эҷодиёти

шоир», «Мавқеи жанри достон дар эҷодиёти шоир», «Вазни ашъори шоир», «Қофия ва радиф дар ашъори шоир» баҳс мекунад. Равшан мегардад, аз ҷониби муҳаққиқ дар ин боб бештар дар бораи татбиқи суннатҳои шеърӣ, жанри достон ва вазну ашъори лирикии шоир дар бораи истифодаи қофия ва радиф дар шеъру манзумаҳои Саид Холзода маълумоти комил дода шудааст. Аз ҷумла, "дар эҷодиёти Саид Холзода жанри достон мақоми хоса дорад. Шоир дар мавзуъҳои гуногун достонҳои «Ду ҳаёт», «Таассуроти Маскав», «Имдоди Ленин», «Чоҳкан зери чоҳ», «Ишқи модар», «Саргузашти ҷабрдида», «Инқилоб», «Ёди шаҳидони зилзилаи Ҳисор»-ро офаридааст. Ҳодисаву воқеаҳои реалӣ, мавзуъҳои асосии достонҳои шоирро ташкил медиҳад" (с.12).

Боби сеюми рисола - «Бадеияти ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» ном дошта, аз ду фасл - «Ҷойгоҳи санъатҳои маънавӣ дар ашъори шоир» ва «Корбурди санъатҳои лафзӣ дар ашъори шеъри шоир» таркиб ёфтааст. Аз баррасиҳои муҳаққиқ равшан мешавад, ки Саид Холзода кушиш ба харҷ додааст, ки аз санъатҳои бадеӣ истифода намуда, мақсаду мароми хешро нишонрасу дилкаш созад. Вай дар истифодаи санъатҳои бадей давомдиҳандаи анъанаи шоирони классикӣ буда, аммо шоир кӯшиш намудааст, ки дар ҳамин қолаби классикӣ тозабаёнӣ низ дошта бошад. Аз баррасии санъатҳои ашъори шоир маълум мешавад, ки ӯ ба санъатҳои маънавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст (с.15).

Хулосаи кор хуб аст, муаллиф тавонистааст, ки асоситарин натиҷаҳои бобҳову фаслҳои таҳқиқоти хешро ба таври мухтасар ва муҷаз баррасӣ намояд. Тавре дар автореферат зикр ёфтааст, омӯзиш ва таҳқиқи ашъори шоирони мардумӣ, аз ҷумла адибони мардумии кам таҳқиқшуда, мисли Саид Холзода имкон медиҳад, ки пайвандҳои устувор ва муҳимми адабию ҳунарии байни адабиёти навишторию адабиёти гуфтории тоҷикӣ ба таври илмӣ асоснок гардад ва нақши ин пайвандҳои устувори мазмунию шаклӣ дар инкишофи фарҳанги миллӣ, ба таври куллӣ бозгӯ гардад. Қонунмандиҳои асосӣ ва муҳимми равобити мутақобилаи адабиёт ва фолклор ва нақши онҳо дар инкишофи ин ду рукни муҳимми фарҳанги тоҷикон ошкор ва мушаххас карда шавад

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ қобили таваҷҷуҳанд ва маводи диссертатсияро метавон зимни таълифи мақолаву монографияҳои илмӣ, ташкили машғулиятҳои факултативӣ доир ба адабиёти гуфторӣ дар факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Самиева Нисо Шарбатовнаро, дар асоси матни автореферат, метавон таҳқиқи мукаммали илмии анҷомёфта номид.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар автореферат баъзе норасоиҳо, ба монанди ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати корро беҳтар мегардонад.

Умуман, автореферати кори диссертатсионии Самиева Нисо Шарбатовна таҳти унвони «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» дуруст, пурра ва мукаммал буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

Доктори фалсафа (PhD), доктораз рӯйи
ихтисоси филология, дотсенти кафедраи
адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шамшоди Ҷамшед

Имзои Шамшоди Ҷ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (+992) 918906365
E-mail: mr.shamshod93@mail.ru

«30» марти с. 2024